**ҚОНУНИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ КАЛОНСОЛОН

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти калонсолон муайян мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

**- андрогогика** – соҳаи илм, фанни таълимӣ, ки қонуният, усул ва шаклҳои таълими калонсолонро муайян мекунанд;

**- андрогог** – мутахассиси дорои маҷмӯи дониш, малака ва маҳорати махсус, ки фаъолияти таълимиро бо калонсолон бо назардошти хусусиятҳои таълимӣ ва синнусолии онҳо таъмин менамояд;

**- валидатсия -** эътирофи натиҷаҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ ва ғайриасосӣ, ки салоҳият ва дониши таълимгирандаро новобаста ба ҷойи ба даст оварлани онҳо ошкор мекунад;

**- классификатори касбҳои таҳсилоти калонсолон** – номгӯи касб, тахассус, ихтисос, маҳорат ва малакаҳое, ки салоҳияти онҳоро таълимгирандаи калонсол дар соҳаи тахсилоти калонсолон ба даст меорад;

**- курсҳо** – шакли таҳсилоти иловагӣ, ки тибқи он дар доираи ҳаҷ ми муайянгардидаи соатҳо шунавандагон донишҳ, малака, маҳорат, салоҳияти касбии муайянро ба даст меоранд;

**- муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон –** муассисаҳои таълимии давлатӣ ва хусусӣ, ки фаъолияти онҳо ба ташаккули дониш, малака, қобилият, маҳорат, ҳамчунин инкишофи зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии калонсолон равона гардидаанд;

**- низоми таҳсилоти муттасил** – низоми муассисаҳои таълимиву дигари расмӣ, ғайрирасмӣ, ғайриасосӣ якҷоя бо шаклҳои гуногуни фаъолияти худомӯзии шахс, ки барои шахсиятҳои синну соли гуногун дар тӯли ҳаёт кушода мебошанд.

**- салоҳият** – қобилияти ба кор бурдани дониш, малака ва маҳорат, амали бомуваффақиятона дар асоси таҷриба ҳангоми ҳалли вазифаҳои умумӣ, ҳамчунин дар соҳаи муайян;

**- таҳсилоти муттасил** – дар тӯли ҳаёт гирифтани таҳсилот ва мукаммал гардонидани донишу ҷаҳонбинӣ;

- **таҳсилоти калонсолон** – маҷмӯи равандҳои таҳсилот, ки бо кӯмаки он калонсолон қобилият ва дониши худро инкишоф дода, дараҷаи тахассуси касбӣ ва техникиашонро баланд мебардоранд ё самти навро интихоб менамоянд;

- **таҳсилоти иловагии калонсолон** – раванди таълимии ғанигардонии дониш, малака, салоҳияти дар таҳсилоти асосӣ ва махсус бадастовардашуда дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти расмии аз ҷониби давлат маблағгузоришаванда;

- **таҳсилоти ғайрирасмӣ** – раванди таълимии берун аз муассисаи таълимии таҳсилоти расмӣ ҷараёнгиранда, ки додани ҳуҷҷати намунаи давлатиро дар назар надошта бо неруи зарурӣ ба шароитҳои гуногуни фазоӣ ва вақтӣ фавран мутобиқ шудан, дархостҳои таълимгирандагони синну соли гуногун, рӯоварӣ ба талаботҳои умумӣ ва шахсии онҳо бо мақсади мутобиқ шудан ба шароитҳои тағйирёбандаи ҳаёт, инчунин худинкишофии эҷодӣ;

- **таҳсилоти ғайриасосӣ** – азхудкунии номуташаккил ва хусусияти мақсаднок надоштаи таҷрибаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар фаъолияти ҳаётии ҳамарӯзаи шахс амалӣ мегардад ва аз хусусияти асосии раванди ба таври дидактикӣ ташкилшуда (дар оила, кор, иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ) маҳрум аст;

- **таълимгиранда** – хонанда, донишҷӯ, аспирант, докторант, шунавандаи муассисаи таълимӣ, коромӯз, шогирд;

- **таълимгирандаи калонсол** – шахси қобили амали дорои баркамолии физиологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва сатҳи худогоҳӣ, ки барои худидоракунии рафтори масъулиятнок кофист;

- **худомӯзӣ** – ба даст овардани дониш, малака, маҳорат, салоҳият бо роҳи машғулиятҳои мустақилона бе кӯмаки омӯзгор;

- **эътирофи салоҳият** – санҷиши маҳорат ва малака, баҳои дониш новобаста ба вақт ва ҷойи ба даст овардани онҳо ва аз рӯи натиҷаҳо додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (шаходатнома).

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти калонсолон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти калонсолон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади таҳсилоти калонсолон**

1. Мақсади таҳсилоти калонсолон расонидани кӯмак ба инкишофи шахсияти инсон, пешрафти рӯзафзуни салоҳияти касбӣ ва баландбардории иқтидори эҷодӣ, қонеъгардонии талаботи калонсолон

ба дониш, малака ва маҳорати барои мутобиқшавӣ ба вазъияти тағйирбанда, меҳнати ихтисоснок, инкишофи маънавӣ ва шахсӣ зарур мебошад.

2. Таҳсилоти калонсолон ба сифати соҳаи зарурии низоми таҳсилот бояд мусоидат намояд ба:

- инкишофи қобилияти мустақилона, дар гуруҳ ё дар шароити таълимоти муташаккил дар муассисаҳои таълимии барои ин мақсад махсус таъсисдодашуда ба даст овардани дониш, салоҳияти нав, ки ба инкишофи ҳамтарафаи шахсият мусоидат мекунанд;

- таъмини бошуурона ва самаранок дохилшавии шахсият ба меҳнат бо роҳи пешниҳоди таҳсилоти касбӣ-техникӣ, инчунин инкишофи кобилияти мустақилона ё дар гурӯҳ офаридани неъматҳои нави моддӣ ва арзишҳои нави ботинӣ ё эстетикӣ.

**Моддаи 4. Вазифаҳои асосии таҳсилоти калонсолон**

Вазифаҳои асосии таҳсилоти калонсолон инҳоянд:

- васеъ намудани имконияти интихоб ва қонеъ гардондани талаботи калонсолон ба таҳсилот, таъмини сифати хизматрасонии таълимӣ;

- фароҳам овардани шароит барои инкишофи шахсият ва васеъ намудани иштироки калонсолон дар таҳсилот;

- қонеъ гардондани талаботи калонсолон дар интихоб ва омӯзиши касб, малака, такмили ихтисос, иваз намудани касб, ба даст овардани салоҳият, ки барои фаъолияти бомуваффақияти меҳнатӣ зарур мебошанд;

- фароҳам овардани шароит барои эътирофи салоҳият, дониш, малака ва маҳорати калонсолон новобаста ба вақт ва ҷойи ба даст овардани онҳо;

- таъмини аъзои калонсоли ҷомеа бо салоҳияти барои фаъолияти самараноки касбӣ зарур, ки шахсро қонеъ мегардонад;

- мусоидат ба таълимгирандаи калонсол дар мутобиқшавии иҷтимоӣ, ки фаъолияти самаранокро дар ҷомеа таъмин менамояд;

- ғанӣ гардондани дониш, малака ва маҳорати барои калонсол муҳим, ки ба шахси калонсол барои қонеъ гардондани талаботи таълимиаш зарур мебошанд;

- қонеъ гардондани талаботи ҷомеа ба кадрҳо;

- рушди таҳсилоти калонсолон ҳамчун низоми ягонаи таъминкунандаи кафолати ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсилоти муттасил;

- фароҳам овардани шароит барои ҳамгироии минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон;

- муҳайё сохтани шароит ва имконот барои таҳсилоти иловагии калонсолон;
- рушди қобилияти мустақилона хондан ва дигаронро омӯзондан.

**Моддаи 5. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои низоми таҳсилот ва барномаи давлатии рушди соҳаи таҳсилоти калонсолон амалӣ мешавад ва ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- баландбардории нуфузи низоми таҳсилоти калонсолон дар кишвар;
- муттасилӣ ва пайдарҳамии раванди таълим ва тарбия;
- эътирофи ҳуқуқ ба таҳсилот новобаста ба синну сол дар тули ҳаёт;
- дастрасӣ ва ихтиёрӣ будани гирифтани таҳсилот;
- инкишофи бонизоми таҳсилоти калонсолон;
- муттасилӣ ва пайдарҳамии таҳсилоти калонсолон;
- баҳисобгирии хусусияти талаботи таълимии гуруҳҳои гуногуни калонсолон;
- ҳамкорӣ ва шарикии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ;
- дастгирии давлатии соҳаи таҳсилоти калонсолон;
- мусоидат барои гирифтан ва идома додани таҳсилот ба шахсоне, ки ба ҳифзи иҷтимоии махсус эҳтиёҷ доранд;

**Моддаи 6. Ҳуқуқи калонсолон ба таҳсил**

1. Ҳуқуқи калонсолон ба гирифтани таҳсил ва идома додани таҳсил дахлнопазир аст.

2. Калонсолон - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ,синну сол ҳуқуқ ба гирифтани таҳсилро доранд.

3. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди калонсол бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба гирифтани таҳсилро доранд.

4. Ҳуқуқҳои шаҳрвандони калонсол ба таҳсилро дар бар мегиранд:
- дастрасии баробар ба таҳсилот дар ҳама давраҳои ҳаёт;
- қонеъ гардондани талаботи гуногуни шахсӣ ба дониш ва малака;
- ғанӣ гардондани донишу малака, ки барои иштироки маҳсулнок дар шаклҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ зарур мебошанд;

- интихоби озоди самти омӯзиш ва муассисаи таълимӣ;

- рухсатии пардохтнашаванда бо нигоҳ доштани ҷойи кор дар давраи таҳсил;

-хизматрасонии таълимии баробар ба шароити таълимгирандагони муассисаҳои таълимии расмӣ .

5. Калонсолоне, ки бо қарори суд ҳуқуқҳояшон маҳдуд карда шудаанд, аз ҳуқуқ ба таҳсил маҳрум шуда наметавонанд. Танҳо усули татбиқи он метавонад тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шавад.

**Моддаи 7. Забони таҳсил**

Забони таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## БОБИ 2. НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАЛОНСОЛОН

**Моддаи 8. Низоми таҳсилоти калонсолон**

Низоми таҳсилоти калонсолон аз сохторҳои зерин иборат мебошад:

- Стандарти давлатии таҳсилоти калонсолон;
- классификатори касбҳо;
- муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон;
- барномаҳои таълимӣ;
- шакл ва меъёри гирифтани маълумот;
- субъектҳои раванди таълим ва тарбия дар соҳаи таҳсилоти калонсолон;
- мақомоти идоракунии таҳсилоти калонсолон.

**Моддаи 9. Стандарти давлатии таҳсилоти калонсолон, классификатори касбҳо ва барномаҳои таълимӣ**

1. Барои соҳаи таҳсилоти калонсолон Стандарти давлатии таҳсилоти калонсолон муқаррар карда мешавад, ки аз нишондиҳандаҳои зерин иборат аст:

- дараҷаи салоҳияти бадастовардашаванда;
- ҳадди ақали ҳатмии мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва шароити иҷрои он;
- ҳаҷми ҳадди ақал ва ниҳоии сарбориҳои таълимӣ;
- талаботи асосӣ ва дараҷаи омодагии таълимгирандагон;
- муҳлати омӯзиши барномаҳои таълимӣ;
- ҳуҷҷатҳои меъёрии тасдиқшаванда, ки ба таҳсилот мувофиқ мебошанд.

2. Классификатори касбҳои таҳсилоти калонсолон:

- номгӯи касб, тахассус, ихтисосҳоро мувофиқи стандарт ва классификаторҳои байналмилалӣ, ки таҳсилоти калонсолонро фаро мегирад, муқаррар мекунад;

- талабот барои гирифтани малака ва маҳорат, салоҳият аз рӯи касбҳоро муайян мекунад;

- давра ба давра бо касбҳои нав бо назардошти талаботи муосир пурра карда мешавад;

- бо тартиби аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамуда таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

3. Барномаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон аз рӯи шакл ба барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, иловагӣ ва касбӣ тақсим мешаванд, ки:

- барои ба даст овардани татбиқи стандартҳои давлатии таълимӣ, баландбардории омодагии касбӣ ва таҳсилоти таълимгирандагон, омодагии босифати онҳо ҳамчун корманд ва мутахассисон равона гардидаанд;

- мундариҷаи таҳсилоти калонсолонро муайян мекунанд;

- бо тартибе, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян гардидааст, таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

4. Барномаҳои таълимӣ барои таҳсилоти калонсолон дар асоси дастовардҳои андрогогика мувофиқи стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия карда мешаванд.

5. Иҷрои стандартҳои дахлдори давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ҳатмӣ мебошад.

6. Барои санҷиши технологияҳои нави таълимӣ ва ҷорӣ намудани мундариҷаи нави таълим, ташкили раванди таълим бо назардошти талаботи махсуси калонсолон (камсаводон, маъюбон ва дигар категорияи калонсолон) дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон барномаҳои таълимии махсус таҳия карда мешаванд.

7. Назорати татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилот дар тамоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф вогузор карда мешавад.

**Моддаи 10. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бо назардошти талаботи иҷтимоиву иқтисодӣ, миллӣ, фарҳангиву таълимии калонсолон дар сурати вуҷуд доштани заминаи зарурии таълимиву методӣ ва моддиву техникӣ, мутахассисон, қоида ва стандартҳо таъсис дода мешаванд.

**Моддаи 11. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли давлатӣ, ғайридавлатӣ, муштарак ва байналмилалӣ фаъолият менамоянд.

2. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро дар шаклҳои зерин амалӣ месозанд:

- комбинатҳои таълимӣ-истеҳсолӣ;
- марказҳои омӯзиши калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
- марказҳои таълимии иҷтимоӣ-соҳибкорӣ;
- марказҳои таълимии назди корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо;
- комбинатҳои таълимӣ ;
- марказҳои таълимӣ -истеҳсолӣ ;
- курсҳои кӯтоҳмуддати таълими касбҳо;
- муассисаҳои бозомӯ зии аҳолӣ;
- муассисаҳои такмил, баландбардории ихтисос ва бозомӯ зии кормандон;
- маркази таълимии иҷтимоӣ-соҳибкорӣ (корхонаи фаръӣ).

3. Таҳсилоти калонсолон ҳамчунин дар заминаи муассисаҳои зерини таълимӣ сурат мегирад:

- муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ;
- муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ;
- муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;
- муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ;
- курсҳои таълимии назди муассиса ва ташкилотҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, корхонаҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ;
- муассисаву ташкилотҳои дигаре, ки раванди таълими калонсолонро амалӣ менамоянд.

4. Таҳсилоти калонсолон ҳамчунин мумкин аст тавассути иштироки калонсолон дар семинарҳои омӯзишӣ, гирифтани таълим аз омӯ згорони алоҳида, шогирдӣ ва омӯзиш дар истеҳсолот, худомӯзӣ амалӣ шавад.

5. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон фаъолияти худро метавонанд дар доираи фармоиши давлатӣ ройгон ва илова бар фармоиши давлатӣ мувофиқи қарордод пулакӣ амалӣ созанд.

**Моддаи 12. Намудҳои муассисаҳои таълимӣ барои калонсолон**

1. Намудҳои муассисаҳои таълимӣ барои калонсолон мувофиқи сатҳ ва самти аз ҷониби онҳо татбиқшавандаи барномаҳои таълимӣ муайян карда мешаванд.

Таҳсилоти калонсолон аз рӯи барномаҳои асосӣ ва иловагии таълимӣ, барномаҳои асосии таълимоти касбӣ амалӣ карда мешавад.

2.Барои азхудкунии барномаҳои иловагии таълимӣ ҳамаи калонсолон бе пешниҳоди талабот ба сатҳи таҳсилот роҳ дода мешаванд, агар барои татбиқи ин барномаҳои таълими шартҳои дигар пешбинӣ нашуда бошанд.

3.Таҳсилоти калонсолон ба зинаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти иловагӣ, худомӯзӣ ва таълимоти касбӣ, ки имконияти татбиқи ҳуқуқ ба таҳсилотро таъмин менамоянд, тақсим мешавад.

4.Таҳсилоти калонсолон дар намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ амалӣ мешавад:

- таҳсилоти миёнаи умумӣ (шабона, ғоибона) ва марказҳои таълимӣ;
- таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;
- таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (донишкадаҳои такмили ихтисос, академияи таҳсилоти баъдидипломӣ);
- таҳсилоти иловагӣ;
- муассисаву ташкилотҳои дигаре, ки раванди таълими калонсолонро амалӣ менамоянд.

**Моддаи 13. Муассисони муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1. Муассисони муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон инҳо шуда метавонанд:

- мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ;
- мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ;
- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- иттиҳодияҳои (ассотсатсияҳои,иттифоқҳои) муассисаҳои таълимӣ;
- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Муносибатҳои байни муассиса ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровaрда мешаванд.

**Моддаи 14. Оинномаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1.Оинномаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мешавад ва маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- дар бораи ном, мақом ва ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ;
- дар бораи муассис (муассисон);
- дар бораи санаи таъсис;
- дар бораи шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
- дар бораи шуъба, намояндагӣ ва зерсохторҳои дигар;

- дар бораи мақсади раванди таълим ва тарбия, намуд ва шакли барномаҳои таълимии ҷоришаванда;

- тавсифи асосии ташкили раванди таълим, аз ҷумла забони таълим, тартиби хориҷ намудани таълимгиранда, муҳлати таълим, реҷаи кори муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон, тартиби дохилии фаъолияти муассиса, ҳамчунин дар бораи расонидани хизматрасонии пулакӣ ва тартиби пешниҳоди онҳо;

- дар бораи тартиби ташкили муносибатҳои байни муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ва таълимгарандагон;

- фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон, аз ҷумла тартиби ташаккул ва истифодаи моликият, сарчашмаи маблағгузорӣ ва таъмини моддиву техникӣ, шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва хизматрасонии пулакӣ;

- тартиби идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон, аз ҷумла салоҳияти муассис (муассисон), тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи муассиса, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ;

- ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни раванди таълим ва тарбия.

2.Оинномаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолонро муассиса таҳия менамояд ва баъди тасдиқи он аз ҷониби муассис (муассисон) бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ мегузарад.

## БОБИ 3. ИДОРАКУНИИ ТАҲСИЛОТИ КАЛОНСОЛОН

**Моддаи 15. Идоракунии таҳсилоти калонсолон**

1.Идоракунии таҳсилоти калонсолон аз ҷ ониби мақомоти марказии ҳоқимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунии ҷамъиятии таҳсилоти калонсолон, муассиси (муассисони) муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ва маъмурияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон амалӣ карда мешаванд.

2.Идоракунии таҳсилоти калонсолон ба таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ оид ба рушди таҳсилоти калонсолон, риояи стандарти давлатии таҳсилоти калонсолон, татбиқ ва рушди соҳаи таҳсилоти калонсолон мувофиқи талаботи иқтисодиёти бозор ва равандҳои ичтимоӣ дар ҷомеа равона мегардад.

3. Муассисаҳои таълимии ғайридавлатии таҳсилоти калонсолон аз тарафи муассис (муассисон) идора карда мешаванд.

**Моддаи 16. Салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон**

1. Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти калонсолон дохил мешаванд:

- тасдиқи консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии таҳсилоти калонсолон, низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти калонсолон, Стандарти давлатии таҳсилоти калонсолон, тартиби таҳия ва тасдиқи классификатори касбҳои таҳсилоти калонсолон;

- муайян намудани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон;

- таъсиси муассисаи давлатии “Маркази таълимии таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон”;

- муайян намудани меъёри таъминоти молиявии таҳсилоти калонсолон, кафолатҳои иҷтимоӣ ба кормандони соҳаи таҳсилоти калонсолон, таълимгирандагони муассисаи таълимии таҳсилоти калонсолон;

- муайян намудани расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон, валидатсия;

- тасдиқ намудани шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти калонсолон;

- амалӣ намудани салоҳиятҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ба ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон дохил мешаванд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон;

- роҳбарии умумии соҳаи таҳсилоти калонсолон;

- тасдиқи нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ва назорати иҷрои онҳо;

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди таҳсилоти калонсолон;

- назорати иҷрои вазифаҳои таҳсилоти калонсолон ва роҳбарии илмиву методии соҳа;

- ташкил намудан ва гузаронидани аттестатсияи кормандони дахлдори муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон, аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои дахлдори таълимии таҳсилоти калонсолон бо тартиби муқарраргардида;

- татбиқ намудани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф бо тартиби муқарррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти таълимии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон иҷозатнома медиҳад.

4. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон доранд, инҳоянд:

- таъмини раванди таҳсилоти калонсолон мувофиқи талаботи низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти калонсолон, Стандарти давлатии таҳсилоти калонсолон, классификатори касбҳои таҳсилоти калонсолон, нақша ва барномаҳои таълимии калонсолон;

- ташкил ва гузаронидани такмили ихтисос, бозомӯзӣ, таҳсилоти иловагӣ, гузаронидани аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон;

- роҳбарӣ ва назорати умумии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ва маблағгузории онҳо;

- иштирок дар раванди назорат, аттестатсияи давлатӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ва барҳамдиҳии онҳо бо тартиби муқарраргардида;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқиқонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Ваколатҳои мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ марбут ба таҳсилоти калонсолон инҳоянд:

- маблағгузории муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти калонсолон, мустаҳкам намудани заминаи моддиву техникии онҳо дар доираи меъёрҳои муқаррааргардида;

- таъмини ҳифзи иҷтимоии таълимгирандагон ва кормандони соҳаи таҳсилоти калонсолон;

- расонидани кӯмаки молиявӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 17. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои давлатии таҳсилоти калонсолон бо мақсади татбиқи сиёсати ягона дар соҳаи таҳсилоти калонсолон ва таъмини сифати таҳсилот амалӣ мегардад.

2. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои давлатии таҳсилоти калонсолон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва таҳсилоти калонсолон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар тобеияти онҳо муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон қарор доранд, амалӣ мешавад.

3. Назорати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон бо усулҳои зерин амалӣ мешавад:

- иҷозатномадиҳӣ;

- аттестатсияи давлатӣ;

- баҳогузории фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;

- назорати риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти калонсолон.

**Моддаи 18. Ҳисоботи оморӣ ва маълумот дар бораи таҳсилоти калонсолон**

1. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳогузории ҳолат ва тамоюли рушд дар соҳаи таҳсилоти калонсолон хисоботҳои давлатии оморӣ муқарар карда мешаванд.

2. Шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки бо таҳсилоти калонсолон машғуланд, уҳдадоранд дар муҳлати муқаррар-намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботҳои омориро пешниҳод намоянд

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон нашри маълумоти оморӣ ва маводҳои дигарро оид ба ҳолати таҳсилоти калонсолон таъмин менамояд.

## БОБИ 4. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ, ТАЪМИНОТИ ИЛМИВУ МЕТОДӢ ВА КАДРИИ ТАҲСИЛОТИ КАЛОНСОЛОН

**Моддаи 19. Самтҳои асосии таҳсилоти калонсолон**

Таҳсилоти калонсолон аз рӯи самтҳои зерин амалӣ мешавад:

- касбӣ, ки аз ҷониби калонсолон ба даст овардани ихтисос, касб, тахассус, маҳорат ва малака, азхудкунии техникаи муосир ва омодагии техникиро ба фаъолияти меҳнатӣ таъмин менамояд;
- ба даст овардани салоҳият, ки рушди қобилият, бадасторӣ ва такмили малакаҳои амаливу маҳорати калонсолон, азхудкунии донишро аз рӯи касбҳои асосӣ таъмин менамояд;
- баланд бардоштан ва такмили ихтисос, ки ба баландбардорӣ, такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ мусоидат мекунад;
- бозомӯзии кадрҳо, ки барои бо кор таъмин намудани шаҳрвандон дар асоси донишу салоҳияти бадастовардашуда аз рӯи касбҳои доштаашон мусоидат мекунад;
- такмил ва бозомӯзии касбии шаҳрвандони бекор, ки бокортаъминкунии шаҳрвандони бекорро таъмин мекунад;
- таҳсилоти иловагии калонсолон, ки гирифтани дониш ва салоҳиятро илова бар таҳсилоти асосӣ ва махсус пешбинӣ менамояд;
- самтҳои дигари таҳсил бо назардошти талаботи калонсолон.

**Моддаи 20. Шаклҳои ташкили таҳсилоти калонсолон**

1. Таҳсилоти калонсолон дар доираи низоми таҳсилоти муттасил таҳсилоти расмӣ, ғайрирасмӣ ва ғайриасосии бо амалия ва назария асос ёфтаро, фаро мегирад.

2. Таҳсилоти калонсолон ба таври алоҳида, мувофиқи шавқу рағбат, майлу ҳавас, бо назардошти сатҳи таҳсилот, тахассус, собиқаи корӣ, синну сол, вазъи саломатӣ дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ, аз қабили машғулият, дарс, лексия, машғулияти алоҳида, конфронс,

семинар, хониш, саёҳат, корҳои амалӣ дар озмоишгоҳҳо ва устохонаҳо, дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ ва дар шаклҳои гуногуни бо нақшаи таълимии муассисаи таълимии таҳсилоти калонсолон пешбинишуда ташкил карда мешавад.

3. Шумораи таълимгирандагон дар гуруҳҳо вобаста ба самт ва имконияти раванди таълим, инчунин тартиби ташкили раванди таълими алоҳида ё гурӯҳӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон аз ҷониби муассисаи таълимии таҳсилоти калонсолон муайян карда мешаванд.

4. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хатмкунандагони худ аз рӯи натиҷаи таҳсилоти касбӣ ҳуҷҷати намунаи давлатӣ медиҳанд.

5. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон метавонанд таҳсилоти фосилавӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсияро амалӣ намоянд. Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 21. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи таҳсилоти калонсолон**

1. Соҳаи таҳсилоти калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастовардҳои андрогогика, илму техникаи муосир, фарҳанг, анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ ташаккул меёбад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон якҷоя бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дигар академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, дастовардҳои илмӣ, техникӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва фарҳангиро дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ менамоянд.

3. Таъминоти илмии соҳаи таҳсилоти калонсолонро Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос, дигар муассисаҳои илмию методӣ дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои эҷодӣ ва ташкилотҳои дахлдор амалӣ менамоянд.

**Моддаи 22. Тайёр намудан ва такмили ихтисоси мутахассисон ва омӯзгорон дар соҳаи таҳсилоти калонсолон**

1. Тайёр намудан ва такмили ихтисоси мутахассисон ва омӯзгорони соҳаи таҳсилоти калонсолон баҳри татбиқи раванди таълими таҳсилоти калонсолон дар сохтори муассисаҳое амалӣ мешавад, ки барномаҳои таҳсилоти олии касбии педагогиро дар факултаҳои таҳсилоти калонсолон, кафедраҳои андрогогика татбиқ ва мутахассисонро аз рӯи ихтисоси андрогог тайёр мекунанд.

2. Фаъолияти мутахассис дар соҳаи таҳсилоти калонсолон аз таълимдиҳӣ, маслиҳатдиҳӣ, расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ва иҷрои вазифаҳои ташкиливу идоракунӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон иборат аст. Соҳаҳои фаъолияти мутахассис инҳоанд:

- омӯзгорӣ;
- илмиву методӣ;
- иҷтимоиву омӯзгорӣ;
- фарҳангиву маърифатӣ;
- тадқиқотӣ;
- идоракунӣ.

3. Мутахассис дар соҳаи таҳсилоти калонсолон, ки аз омодагии касбӣ гузаштааст метавонад ба сифати омӯзгори фанни андрогогика, омӯзгор дар муассиса, ташкилот, корхонаҳои соҳаҳои гуногун ба сифати мушовир, коршинос, коркуни илмӣ, корманди иҷтимоӣ фаъолият намояд.

4. Шахсоне, ки таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ё олии касбӣ ва маҳорати зарурии касбӣ дар соҳаи андрогогика ва педагогика доранд, метавонанд дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шаванд.

5. Мутахассисон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон тибқи тартиби муқарраргардида аз аттестатсия мегузаранд. Аз рӯи натиҷаҳои аттестатсия сатҳи тахассуси касбии онҳо муайян карда мешавад.

6. Пурра намудани ҳайати кормандони соҳаи таҳсилоти калонсолон аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ба танзим дароварда мешавад. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон уҳдадоранд, ки барои кормандони нав таълими асосҳои андрогогикаро ба роҳ монанд.

7. Давлат барои такмили ихтисоси мутахассисон ва омӯзгорон дар соҳаи таҳсилоти калонсолон бо роҳи ҷорӣ намудани барномаҳои андрогогика дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ мусоидат менамояд.

8. Барои рушд ва такмили таъминоти илмиву методии таҳсилоти калонсолон иттиҳодияҳои таълимиву методӣ ва иттиҳодияҳои дигар таъсис дода шуда метавонанд.

9. Такмили ихтисоси мутахассисон ва омӯзгорон дар соҳаи таҳсилоти калонсолон на камтар аз як маротиба дар панҷ сол аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои муаасисаҳои таълимӣ ва сарчашмаҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст амалӣ мешавад.

10. Такмили ихтисоси мутахассисон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии ғайридавлатии таҳсилоти калонсолон на камтар аз як маротиба дар панҷ сол аз ҳисоби маблағҳои муассис (муассисон) амалӣ мешавад.

## БОБИ 5. СУБЪЕКТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ КАЛОНСОЛОН

**Моддаи 23. Субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

Субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон инҳоянд:

- таълимгирандагон;
- таълимгирандагони калонсол;
- кормандони соҳаи омӯзгорӣ (мутахассисон, омӯзгорон, андрогогҳо, устоҳои таълимӣ) ва кормандони дигар, ки ба раванди таълиму тарбия ҷалб гардидаанд;
- намояндагони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, ки дар амалисозии раванди таълиму тарбия иштирок мекунанд.

**Моддаи 24. Мақоми таълимгирандаи калонсол**

Ба сифати таълимгирандаи калонсол субъектҳои фаъолияти таълим, ки дорои қобилияти амал мебошанд ва ба соҳаи меҳнати музднок ҷалб гардидаанд, намояндагони гурӯҳҳои махсуси гуногуни иҷтимоӣ, гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашаванда, бекорон, маъюбони калонсол, хизматчиёни ҳарбии ба эҳтиёт ҷавоб шуда, шахсони аз озодӣ маҳрумгардида, муҳоҷирон ва хонандагон,донишҷӯён, шунавандагони муассисаҳои таълимӣ, аспирантон, докторантҳо эътироф карда мешаванд. Ба ҳайати таълимгирандагони калонсол инчунин шахсоне таааллуқ доранд, ки бо ягон сабаб мақоми коргари маошгирандаро аз даст додаанд.

**Моддаи 25. Гурӯҳҳои таълимгирандагони калонсол**

1. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ва иттиҳодияҳои онҳо фаъолиятро бо назардошти манфиатҳо ва талаботҳои таълимии гурӯҳҳои зерини аҳолии калонсол ба роҳ мемонанд:

- кормандони соҳаи мехнати касбӣ;
- бекорон;
- муваққатан кор намекардагиҳо;
- шахсоне, ки фақат бо хонакорӣ машғуланд;
- шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатии шахсӣ машғуланд;
- шахсоне, ки ба соҳаи меҳнати касбӣ баъди танаффуси дарозмуддат баргаштаанд;
- нафақахӯрон аз рӯи вазъи саломатӣ (маъюбон);
- муҳоҷироне, ки аз давлат ва минтақаҳои дигар баргаштаанд ва ё барои зисти доимӣ омадаанд;

- шахсоне, ки нияти иваз кардани касб ва ё соҳаи машғулиятро доранд ё аллакай онро иваз кардаанд.

**Моддаи 26. Ҳайати таълимгирандагони калонсолон ва ҳуқуқҳои онҳо** 1. Ба ҳайати таълимгирандагони калонсол дохил мешаванд:

- таълимгирандагони коргаре, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ шабона ва ғоибона мехонанд;

- таълимгирандагони шуъбаҳои шабона ва ғоибонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ;

- аспирантҳои шакли ғоибонаи таҳсил;

- унвонҷӯён;

- таълимгирандагоне, ки курси таълимиро дар шакли фосилавӣ мегузаранд;

- таълимгирандагоне, ки дар ҷойи кор касб меомӯзанд (шогирдӣ);

- шунавандагони курсҳо ва донишкадаҳои такмили ихтисос;

- шахсоне, ки касби навро дар шакли гузаштани курсҳо ё шакли дигар аз худ мекунанд;

- иштирокчиёни барномаҳои модулии таҳсил;

- иштирокчиёни барномаҳои таҳсилоти ғайрирасмии самтҳои гуногун;

- шахсоне, ки ба худомӯзӣ машғуланд.

2. Таълимгирандагони калонсол ҳуқуқ доранд ба:

- истифодаи адабиёт, маводи дастуруламалӣ, таҷҳизоти таълимӣ ва воситаҳои иттилоотиву техникӣ;

- эътирофи расмии тахассус, касб, дониш, салоҳият, маҳорату малака, ки бо роҳи ғайрирасмӣ дар ҳаёти ҳамарӯза ва дар асоси таҷрибаи фаъолияти касбӣ ба даст оварда шуда;

- ғамхорӣ, кӯмак ва мусоидат аз ҷониби хадамоти дахлдори иҷтимоӣ;

- дастгирии молиявии давлатӣ ;

- интихоби муассисаи таълимӣ ;

- фароҳам овардани шароит барои таълим бо назардошти хусусияти инкишофи рӯҳиву ҷисмонӣ ва вазъи саломатӣ ;

- гузаштан ба муассисаи таълимии дигар барои идома додани таҳсилот аз рӯи касб, ихтисос, равия, омодагӣ ё шакли дигари таълим бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаштан ба муассисаи таълимии дигар, ки барномаи таълимии сатҳи дахлдорро амалӣ менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав барқарор шудан барои идомаи таҳсил дар муассисаи таълимие, ки барномаҳои таълимии сатҳи дахлдорро амалӣ менамояд;

- иштирок дар идоракунии раванди таълими муассисаи таълимӣ ;

- шикоят кардан аз болои санадҳои муассисаҳои таълимӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- истифодаи ройгони захираҳои китобхона ва захираҳои иттилоотӣ, махзани таълимӣ, таҷрибавӣ, илмии муассисаи таълимӣ;

- якҷоя бо фаъолияти меҳнати гирифтани таҳсилот бе зарар барои азхудкунии барномаи таълимӣ, иҷрои нақшаи инфиродии таълим;

- гирифтани таҳсилоти босифат новобаста ба шакл ва намуди ташкили фаъолияти таълимӣ мувофиқи максад ва вазифахои барномаҳои татбиқшаванда;

- баҳогузории объективии дониш, малака ва салоҳият аз рӯи фанҳои ба барномаи таълимӣ дохил кардашуда ва дастрасии озод ба маълумот оиди баҳогузории дастовардҳои шахсӣ;

- иштироки озод дар машғулиятҳое, ки бо нақшаи таълимӣ пешбинӣ нашудаанд.

**Моддаи 27. Кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1. Ба ҳайати кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон кормандони соҳаи омӯзгорӣ (мутахассисон, омӯзгорон, андрогогҳо, устоҳои таълимӣ) ва кормандони дигар, ки ба раванди таълиму тарбия ҷалб гардидаанд, дохил мешаванд.Кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон дорои ҳуқуқ, имтиёз, кафолати иҷтимоӣ, уҳдадорӣ, масъулиятҳое мебошанд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони соҳаи омӯзгорӣ муқаррар карда шудаанд.

2. Мутахассисон ва омузгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ҳуқуқ доранд дар ду ҷой кор кунанд ва музди соатбайъ гиранд. Роҳбари муассисаи таълимӣ ва муовинони ӯ, ки барои самти муайяни кор масъул ҳастанд, мутахассисон ва омӯзгорони курсҳои асосӣ, ки самти фаъолияти муассисаи таълимиро муайян мекунанд, кормандони штатӣ ба ҳисоб мераванд.

3. Таносуби шумораи кормандони штатӣ ва муваққатиро роҳбарияти муассисаи таълимӣ бо назардошти вазифа ва хароҷоти оқилонаи маблағҳои пулии дар ихтиёраш дошта муайян мекунад.

4. Дар сурати ба кор қабул кардани кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва роҳбарӣ афзалият ба шахсоне дода мешавад, ки дорои таҷрибаи кории кофӣ бо таълимгирандагони калонсол, шаҳодатнома дар бораи гузаштан аз курси таълимӣ аз рӯи барномаҳое, ки дониш, малака ва маҳорат, салоҳияти кор бо хонадагони калонсолро медиҳад, мебошанд.

**Моддаи 28. Ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1. Ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муасисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, Оинномаи муассиса, Низомномаҳои намунавии муасссисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва калонсолон муайян карда мешаванд.

2. Давлат мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолонро ҳифз менамояд ва ташкили таҳсили шаҳрвандон аз оилаҳои камбизоат, серфарзанд ва маъюбонро таъмин менамояд.

3. Кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон, ҳамчунин нафақахӯроне, ки омӯзгорони чунин муассисаҳои таълимӣ буданд, хуқуқ ба имтиёзҳое доранд, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзгорон ва кормандони дигари соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ шудаанд.

## БОБИ 6. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРӢ ВА ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ КАЛОНСОЛОН

**Моддаи 29. Фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1. Муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти калонсолон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағгузории муассисаҳои таълимии ғайридавлатии таҳсилоти калонсолон аз ҳисоби муассис (муассисон) маблағгузорӣ карда мешаванд.

2. Муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатии таҳсилоти калонсолон аз ҳисоби манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ, ки истифодаи онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ шуда метавонанд.

3. Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон инҳоянд:

- маблағҳое, ки муассисон ҷудо мекунанд;
- маблағҳои корхона, муассиса ва ташкилотҳо (илмиву техникӣ, таълимӣ, фаъолияти дигари соҳибкорӣ, тиҷоратӣ);
- грантҳои мақсадноки фондҳои давлатӣ, байнидавлатӣ ва дигар намудҳои грантҳо;
- маблағҳое, ки аз гузаронидани чорабиниҳо ва хизматрасониҳои пулакӣ ба даст оварда мешаванд;
- фоида аз фаъолиятиноширӣ;
- маблағҳои сарпарастон, маблағгузории хайриявӣ,туҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқи ва воқеӣ бадастовардашуда;
- маблағҳое, ки муассисаи таълимии таҳсилоти калонсолон барои хизматрасонии иловагии таълимӣ, кор, иҷрои дархости корхона,

муассиса, ташкилотхои дигар ва шахсони воқеӣ, ба даст меоранд, ҳамчунин фоида аз фурӯши маҳсулоти худӣ;

- кӯмакҳо.

**Моддаи 30. Заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

1. Ба заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бино, иншоот, воситаҳои алоқа, воситаҳои нақлиёт, қитъаи замин ва амволи дигари манқул ва ғайриманқул дохил мешаванд.

2. Барои пешбурди раванди таълиму тарбия ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бино, иншоот ва объектҳои дигар бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

3. Талабот ба заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон мувофиқи меъёрҳои дахлдори сохтмонӣ ва моддию техникӣ, қоида ва стандартҳои сохтмонӣ ва нигоҳдории муассисаҳои таълимӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ муайян карда мешаванд.

4. Ҳуқуқи муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон ба истифодаи қитъаи замине, ки дар ҳудуди он ин муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон қарор доранд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

5. Фондҳои асоси ва молу мулки дигари муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон мусодира намешаванд, ба истинои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Молу мулки муасисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон аз ҷониби муассис (муассисон) танҳо бо мақсади дар Оиннома пешбини гардида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон истифода шуда метавонанд.

7. Истифодаи заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бо мақсади ба манфиатҳои асосии таълим мухолиф манъ аст.

**Моддаи 31. Фаъолияти пулакии муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон**

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пулакиро амалӣ намоянд.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 32. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон**

Мақомоти идоракунии таҳсилоти калонсолон, муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикстон ҳуқуқ доранд, ки дар борои ҳамкории байналмилалӣ созишномаҳо банданд, бо мақомоти идоракунии соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ, ташкилот ва фондҳои байналмилалӣ робитаҳои бевосита барқарор намоянд.

**Моддаи 33. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 34. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**